# Забонҳои бумӣ захираи фаровони вожаҳо барои луғатномаҳоянд

Submitted by Ҳайати тадорукот on 5 October, 2018 - 17:00
[1]

ДУШАНБЕ, 05.10.2018 /АМИТ «Ховар»/. Забонҳои бумӣ, ки забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он дар сафи пеши онҳо қарор доранд, инчунин забонҳои яғнобӣ ва бадахшонӣ забонҳои қадимии миллатамон буда, захираи фаровони интихобу ворид намудани вожаҳо ба луғатномаҳои

забони тоҷикӣ маҳсуб меёбанд.

Ин нуктаро иштирокдорони Конференсияи ҷумҳуриявӣ, ки таҳти унвони «Муҳити корбурд ва инкишофи забонҳои бумии Тоҷикистон» баргузор гардид, зикр намуданд.

Тавре хабарнигори АМИТ «Ховар» иттилоъ медиҳад, ҳамоиши мазкур имрӯз дар Китобхонаи миллӣ доир гардид. Дар конференсияи ҷумҳуриявӣ раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филология Гавҳар Шарофзода, забоншиносони варзидаи мамлакат, олимону муҳаққиқони соҳа иштирок намуда, вобаста ба мавзӯъҳои пешниҳодгардида андешаю мулоҳизаҳои худро баён доштанд.

Гавҳар Шарофзода ҳозиринро бо Рӯзи забони давлатӣ табрик намуда, зикр кард, ки ҳамасола ба хотири гиромидошти Рӯзи забони давлатӣ Кумитаи забон ва истилоҳот чорабиниҳои зиёд баргузор менамояд, ки ҳамоиши имрӯза аз ин ҷумла аст.

«Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои рушду такомули забони тоҷикӣ шароити созгор фароҳам овард. Аҳамияти беназири Қонуни мазкур дар ҳаёти имрӯза барьало собит гардид. Дар ин давра комёбиҳои назаррас дар ғановати истилоҳот, вожасозиҳои меъёрии забони тоҷикӣ, номгузориҳои шаҳрвандон ва ҷуғрофӣ, арҷгузориҳо ба ин рукни ҳастии миллат ба даст оварда шуданд, ки онҳо ба худшиносиву худогоҳии миллати сарбаланди мо мусоидат менамоянд»,-иброз дошт Гавҳар Шарофзода.

Иштирокдорони конференсия дар мавзӯъҳои «Забони миллӣ ва меъёрҳои забони адабӣ», «Ҷанбаъҳои сотсиолингвистии забонҳои бумии Тоҷикистон», «Омилҳои косташавии забон», «Забони тоҷикӣ ва забони бумии ин марзу бум», «Наввожаҳои иҷтимоӣ дар забони тоҷикӣ», «Шоҳнома ва асолати забони тоҷикӣ» ва дигар ҷанбаъҳои муҳими забони миллӣ ва забонҳои бумии Тоҷикистон, умумият ва пайванди таърихии онҳо мубодилаи афкор намуданд. Таъкид гардид, ки забони тоҷикӣ забони бумиёни асливу бунёдии тоҷикони ин сарзамин ба сифати забони давлатӣ маҳсуб ва қабул шуда, дар мақоми аввал қарор дорад.

Зикр гардид, ки дар шарқи Тоҷикистон ҳафт забони қадимии эронӣ ва забони яғнобӣ дар шимоли кишвар мавҷуданд. Онҳо калимаву ибораҳои зиёдеро мавриди истифодаи васеъ қарор додаанд, ки дар забони адабӣ камистеъмоланд ё тамоман аз истифода баромадаанд. Инро метавон захираи забони тоҷикӣ барои вожасозиҳо номид.

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ба забони миллӣ ва забонҳои бумии кишвар бо он ғановате, ки онҳо доранд, хатаре таҳдид намекунад. Ин бори дигар устувории забони тоҷикиро собит менамояд.

Ҷасур АБДУЛЛО,
АМИТ «Ховар»

**Content rating:** 5

Average: 5 (2 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]
- Конференсияҳо [3]

- Кумита [4]
- Кумитаи забон [5]

**Source URL:**http://www.kumitaizabon.tj/en/node/6342

**Links**
[1] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/conference_0.png [2] http://www.kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [3] http://www.kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/30 [4] http://www.kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/14 [5] http://www.kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/73